## 41936 - Ҳукми Абдулилоҳ ном гузоштан

**савол**

Ҳукми Абдулилоҳ ном гузоштан чист? Оё он (Ал-Илоҳ) аз номҳову сифатони Аллоҳ таъоло мебошад? Лутфан бо тафсил ҷавоб диҳед.

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

**Аввал:** Яке аз одобҳои мустаҳабби номгузорӣ ин аст, ки ном ба Аллоҳ таъоло бандагиро ифода кунад, хоҳ ифодаи бандагӣ ба калимаи "Аллоҳ" бошад, ё ба дигар номҳои зебои Аллоҳ бошад. Маҳбубтарини онҳо дар назди Аллоҳ таъоло Абдуллоҳ ва Абдурраҳмон мебошад.

**Дуввум:** Номе, ки барои ғайри Аллоҳ таъоло бандагиро ифода мекунад, мисли Абдуррасул, Абдуннабӣ ва ба монанди он ҳаром мебошад. Лутфан ба ҷавоби саволи рақами (7180) нигаред.

**Саввум:** Ал-Илоҳ дар луғат ба маънои маъбуд ё касе, ки сазовори парастиш ва ибодат аст. Бутҳо олиҳа номида мешуданд, чунки мушрикон ба ҷои Аллоҳ онҳоро мепарастиданд ва гумон мекарданд, ки онҳо сазовори инанд. (Нигар ба китоби "Иштиқоқу асмаи-л-лаҳ"-и Абулқосим Зуҷоҷӣ, саҳ/30 ва "Лисону-л-араб" вожаи "Алиҳа").

Баъзе аз донишмандон гуфтаанд, ки калимаи Аллоҳ (الله) аз калимаи Ал-Илоҳ (الإله) гирифта шуда, ҳарфи ҳамзаи он ҳазф шудааст. Ин дидгоҳи ибни Қаййим ва дигар донишмандон мебошад.

**Чаҳорум:** Оё Ал-Илоҳ яке аз номҳои зебои Аллоҳ мебошад, ки бандагӣ ба ин ном ҷоиз аст, ё не?

Номи Ал-Илоҳ дар миёни номҳои зебои Аллоҳ зикр шудааст, ки дар бархе аз ривоятҳои ин

ҳадиси: "Аллоҳ дорои наваду нӯҳ ном аст" омадааст. Инчунин онро дар китоби Байҳақӣ дар номҳову сифатҳо ва Ҳоким меёбем. Вале тибқи гуфтаи донишмандони ҳадис рӯйхати номҳо дар ин ҳадис, сухани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) нест. Ҳамон тавре ки Шайхулислом Ибни Таймия ва Ибни Касир ва Ибни Ҳаҷар ва дигар донишмандон онро зикр кардаанд. (Нигар ба китоби "Асмау-л-лаҳи-л-ҳусна"-и Абдуллоҳ ибни Солеҳ Ал-Ғусн, саҳ/170-173).

Азбаски ривоятҳое, ки номҳои зебои Аллоҳ таъолоро номбар мекунад, боэътимод нестанд, бисёре аз донишмандон кӯшиш карданд, ки ин номҳоро аз Қуръону ҳадис пайдо кунанд. Аз ҷумлаи касоне, ки номи Ал-Илоҳро ба феҳрасти номҳои зебои Аллоҳ дохил кардаанд, инҳоянд: Ибни Манда, Ибни Ҳазм, Ибни Ҳаҷар, Ибни Вазир ва Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ҳамаи онҳо бод). (Нигар ба сарчашмаи пешина, саҳ/352).

Бинобар ин Абдулилоҳ ном гузоштан ҷоиз аст ва ҳеҷ боке надорад, иншоаллоҳ (агар Аллоҳ хоҳад). Бо ин ҳол, ба назар мерасад, ки ин ном дар гузашта машҳуру мунташир набуд. Мо ин номро дар байни номҳои саҳобагон аз китоби "Ал-Исоба"-и ибни Ҳаҷар дарёфт накардем. Инчунин ин номро дар фарҳангҳои зиндагинома, пас аз баҳсу ҷустуҷӯ аз китобҳои "Фаҳорису-с-сияра"-и Заҳабӣ, "Табақоту-ш-шофеийя"-и Ибни Субкӣ, "Вафаёт"-и Ибни Халликон, "Ат-Таҳзиб"-и Ибни Ҳаҷар ва дигар китобҳо дарёфт накардем. Аввалин истифодаи ин ном, ки мо дарёфт кардем, аз ҷониби Абдулилоҳ ибни Алӣ ибни Ҳусайни Ҳошимӣ аст, ки дар соли 1331-и ҳиҷрӣ таваллуд шуда, дар соли 1377-и ҳиҷрӣ вафот кардааст, чуноне ки Зарклӣ дар китоби "Ал-Аълом" зикр кардааст. Чуноне, ки пӯшида нест, ӯ хеле мутааххир аст.